ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «28» 02 соли 2025 № 60/уи ш. Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4 ва 5 сархати 1 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Табариён Баҳром Сафар ба унвони илмии профессор аз рӯйи ихтисоси Тибби клиникӣ сазовор дониста шавад.
2. Ба Табариён Баҳром Сафар шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор дода шавад.
3. И.в. мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Шарифзода Б.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 1 (як) адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии профессор чораҳои зарурӣ андешад.
4. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Шомуродова З.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2025, №3

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ